# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози татбиқи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 муқаррар карда шавад.

3) Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо маблағгузории Стратегияи мазкурро дар доираи маблағҳои дар Буҷети давлатӣ барои солҳои 2011-2020 пешбинишаванда таъмин намоянд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 29 майи соли 2010 № 269

ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "29" майи соли 2010

№ 269 тасдиқ шудааст

## Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020

### Руйхати ихтисорот

ВАО - Воситаҳои ахбори омма

ВКД - Вазорати корҳои дохилӣ

ДНК - Кислотаи дезоксирибонуклеинат

ИДМ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

САҲШ - Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ

ТҶ - Ташкилотҳои ҷамъиятӣ

ТҚХ - Ташкилоти қарзии хурд

ҲРҲ - Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола

ШКД - Шӯъбаи корҳои дохилӣ

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

## МУҚАДДИМА

Зарурати қабули Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (минбаъд Стратегия) ба проблемаҳое вобаста мебошанд, ки аз дигаргунсозии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Аз ҷумла, аз ҷониби ҷомеа ба таври бояду шояд дарк нагардидани зарурати таъмини баробарии гендерӣ ва татбиқи сиёсати гендерӣ, мавҷудияти ақидаронихои муқаррарӣ оид ба нақш ва мақоми занон дар ҷомеа; номукаммал будани заминаи қонунгузорӣ; ҳамкории нокифояи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуни занон машъуланд; ҳанӯз боқӣ мондани мушкилот оид ба амалисозии ҳуқуқҳои занон дар соҳаҳои меҳнат, иқтисод, фарҳанг, сиёсат ва ғайра.

Ҳангоми таҳияи Стратегия талаботу меъёрҳои байналмилалие, ки дар Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Эъломияи СММ дар бораи ҳуқуқи башар, дар бораи барҳам задани ҳама гуна маҳдудкунӣ нисбат ба занон, оид ба решакан намудани зӯроварӣ нисбат ба занон, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз (зӯроварӣ) нисбат ба занон, Барномаи амалиёти Пекин ва ғайра ифода ёфтаанд, ба инобат гирифта шуданд. Асоси Стратегияро Конститутсияи - (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурки Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа" аз 3 декабри соли 1999 № 5, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барномаҳои давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010" аз 8 августи соли 2001 №391 ва "Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016" аз 1 ноябри соли 2006 №496 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ташкил медиҳад.

Таъиноти асосии Стратегия аз фароҳам овардани замина ва шароитҳои зарурӣ барои ба пуррагӣ зоҳир намудани қобилияти занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ба ин васила таъмини рушди устувори ҷомеа иборат мебошад. Аҳамияти он дар баробари такмилу ташаккули низоми сиёсии ҷомеа, рушди институтҳои демократӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ меафзояд.

Стратегия бояд ба ҳайси фишанги ташаккули сиёсати давлатии гендерӣ ва назорати татбиқи он аз тарафи ҷомеаи шаҳрвандӣ хизмат кунад. Дар Стратегия бо дарназардошти гуногунрангии воқеии шароитҳои аввалия муайян намудани манфиатҳо, анъанаҳо, мушаххас кардани рафтори гурӯҳҳои мухталифи мардон ва занони дорои даромадҳои мухталиф, таҳсилот, вазъи оилавӣ, хусусиятҳои миллию фарҳангӣ ва дигар вижагиҳо кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки:

- мушаххас кардани низоми талаботу меъёрҳое, ки нуқтаи назари муосирро оид ба адолати иҷтимоӣ дар иртибот ба тақсими нақш байни занон ва мардон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва оилавӣ, ҳангоми тақсими моликият, дар риштаҳои иттилоотӣ ва дигар бахшҳо инъикос мекунанд;

- муайян сохтани дурнамои рушди давлат дар самти тақвияти демократияи гендерӣ, ки гузарондани сиёсати дорои масъулияти иҷтимоӣ ва ошкор кардани потенсиали шаҳрвандии занонро ба ҳайси шахсият таъмин мекунад;

- баланд бардоштани сатҳи фарҳанги умумӣ ва сиёсии ҷомеа, ки ба ҳайси нишондиҳандаи муҳими он имконияти қобилияти худро зоҳир кардани занон ва таъмини баробарии ҷинсҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла истеҳсолоти ҷамъиятӣ, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва оилавӣ, хизмат мекунад.

Дар Стратегия таваҷҷӯҳи махсус ба механизмҳои давлати иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамкории ҳокимият ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо такя ба ташаббускорӣ, худфаъолиятӣ ва худидоракунии шаҳрвандони ҳар ду ҷинс дар ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ зоҳир карда шудааст.

Стратегия вазифаҳои бузургеро фарогир мебошад, ки давлат дурнамои ҳалли онҳоро ба зимма гирифтааст. Дар он ҳадафҳо, воситаҳои асосии расидан ба онҳо тасвият дода шудаанд, ки ба рушди мутавозун ва устувори ҷомеа тавассути ворид кардани таҳлили гендерӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёт мусоидат мекунанд.

Демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ҷорӣ намудани муносибатҳои наверо тақозо менамояд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳия намудааст, аз ҷумла навсозии гендерии ҳокимият, таҳия ва татбиқи сиёсати аз ҷиҳати гендерӣ ҳассос дар ҳама ҷабҳаҳои фаъолияти ҷомеаву давлат, инчунин таблиљу тарљиби густурдаи афзалиятҳои чунин муносибат. Мутобиқсозии муносибатҳои гендерӣ ҳамчун замина ва самти муҳимтарини дигаргуниҳои муосири демократӣ ба ҳисоб меравад. Ояндаи демократия аз ҷумла аз он вобаста аст, ки то кадом андоза масъалаи гендерӣ дар ҷомеа ҳаллу фасл мешавад.

Дар иртибот ба ин, Стратегия барои расонидани ёрӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон оид ба масоили баробарии ҷинсҳо ва масъалаҳои гендерие нигаронида шудааст, ки қобиланд корҳои зайлро анҷом диҳанд: таҳияи сиёсати миллӣ аз мавқеи баробарии гендерӣ; амалисозии ҳуқуқҳои занон дар ҷодаи ҳуқуқҳои инсон; афзоиши таъсири занон оид ба қабули қарорҳо дар ҳамаи зинаҳо ва оид ба ҳама гуна масъалаҳо; таъмини ҳуқуқҳои баробар барои занон дар бозори меҳнат; ҳифзи саломатии занон; пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон; фаъолияти якҷоя бо бахши сеюм,яъне омода кардани мутахассисон оид ба масъалаҳои Гендерӣ дар соҳаи фаъолияти якҷояи ҷамъиятӣ, ҳамкориҳо байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии занон дар заминаи доимӣ, ҳамзамон ҷалби онҳо бо истифодаи идоракунии муштарак ҳангоми ҳаллу фасли проблемаҳои назарраси иҷтимоӣ.

Заминаи Стратегияро принсипи давлатию ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки мутобиқи он:

- таҳия ва татбиқи Стратегия дар заминаи созиши васеи ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад;

- чорабиниҳои дар он пешбинигардида метавонанд ҳам дар асоси давлатӣ ва ҳам дар заминаи давлатию ҷамъиятӣ татбиқ карда шаванд.

## 1. ВАЗЪИ ЗАН ДАР ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСИИ МАМЛАКАТ

Ҳадафи асосӣ: ба даст овардани намояндагии баробари занон ва мардон дар мақомоти иҷроия ва намояндагии ҳокимият дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ.

1.1.Ҷанбаҳои қавӣ:

- ширкати ҳарчи бештари занон дар сиёсат рақобати шоистаеро нисбат ба мардон ба миён меорад ва ба беҳбудии вазъи корҳо дар мамлакат мусоидат мекунад;

- ҳузури занон дар сохторҳои идоракунӣ шаклҳои нисбатан фасеҳи роҳбариро тақвият мебахшад, ки ба вазъи мунтазам таљйирпазири идоракунӣ нигаронида шудааст;

- занон нисбатан пухтакору серљайрат, озод ва дидадаро буда, ба одамон бештар таваҷҷӯҳ ва љамхорӣ зоҳир менамоянд.

1.2.Ҷанбаҳои заиф:

- номукаммалӣ ва номутассилии заминаи қонунгузорӣ барои пешрафти занон дар сатҳи қабули қарорҳо;- сатҳи пасти намояндагии занон дар мақомоти қонунгузории ҳокимияти давлатӣ, теъдоди ками онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимият ва муассисаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият;

- ҳанӯз ҳам боқӣ мондани ақидаҳои кӯҳнаи марбут ба нақши занон дар ҷомеа ва нисбат ба баробарии ҷинсҳо;

- маҳдуд будани василаҳои самарабахши пешбарии занон;

- дар фаъолияти ҳизбҳри сиёсӣ вуҷуд надоштани стратегия ва барномаҳои пешбарии занон ба ҳокимият;

- номукаммалии фаъолияти созмонҳои ҷамъиятии занон, парокандагии кӯшишҳои ташкилотҳои занон, ки ба ҳифзи манфиатҳои занон нигаронида шудаанд;

- нокифоягии таҷрибаи сиёсии занон.

1.3. Имконият:

- имконияти ҷорӣ кардани квотаҳо барои занон ҳамчун тадбири муваққатӣ бо мақсади таъмини ширкати нисбатан васеи онҳо дар ҳокимияти иҷроия ва намояндагӣ мутобиқан ба Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз (зӯроварӣ) нисбат ба занон;

- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ марбут ба масъалаҳои дастрасӣ ба имкониятҳои баробари мардон ва занон, баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа;

- имконияти омӯхтани таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ оид ба масъалаҳои пешрафти сиёсии занон.

1.4. Хатарҳо:

- мавҷудияти хурофот ва таассубҳои ҷамъиятие, ки ба пешрафти занон дар соҳаи сиёсат мусоидат намекунанд;

- нокифоя будани ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии занон барои расидан ба баробарии гендерӣ таҳдид менамояд:

- дар сатҳи зарурӣ иҷро накардани санадҳои қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии марбут ба оила, занон ва кӯдакон ҳам аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҳам аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонад боиси паст шудани фаъолнокии занон ва ташкилотҳои ҷамъиятии онҳо дар татбиқи ҳуқуқ дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ гардад.

1.5. Амал:

- таъмини ташаккули буҷети ба тамоюли гендерӣ нигаронидашуда барои татбиқи эҳтиёҷоти амалӣ ва стратегии гурӯҳҳои гендерӣ;

- ноил шудан ба иштироки занон дар қабули қарорҳо дар ҳамаи сатҳҳо, мусоидат ба ташаккули меъёрҳои нави маънавиёт, ки ҷалби васеи занон ба ҳаракати ҷамъияти нигаронида шудааст, иштироки занон дар ҳайати мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимият дар ҳамаи сатҳҳо;

- ташкили омодасозии занон ҷиҳати иштирок дар фаъолияти сиёсӣ, давлатӣ ва идоракунӣ; таҳияи барномаҳои дахлдори тарбия ва бозомӯзии занон, инчунин ташаккули захираи кадрҳои занон барои кор дар мақомоти идоракунии зинаҳои гуногун;

- ба таври доимӣ ба роҳ мондани гирдоварӣ, таҳлил ва интишори мунтазами маълумоти оморӣ оид ба ширкати мардон ва занон дар ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ дар ҳама сатҳҳо;

- таъмини дастрасии занон ба ҳама намудҳои фаъолият дар хадамоти давлатӣ, бидуни маҳдуд шудан ба бахшҳое, ки маъмулан занон дар онҳо машъуланд (маориф, тандурустӣ, хадамоти иҷтимоӣ);

- дастгирии фаъолияти ташкилотҳои занон, ҷавонон, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳое, ки ташаббускори беҳдошти вазъи занон буда, занони аз лиҳози касбият қобилиятноку кордонро ба сатҳҳои дахлдори мақомоти мухталифи ҳокимият пешбарӣ мекунанд;

- доир намудани муҳокимаҳои оммавӣ оид ба масъалаҳои квота барои занон ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, интихоб ба мақомоти маҳаллӣ ва олии ҳокимияти қонунгузор;

- дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ ҷорӣ намудани соатҳо (ё курсҳои лексионӣ) ҷиҳати тайёр намудани кадрҳо ба мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ.

1.6. Воситаҳои ахбори омма:

- ташкили таъминоти иттилоотии сиёсати баробарии гендерӣ, инъикоси беъаразонаи мушкилоти занон ва мардон дар ВАО, ташаккули имиҷи мусбии занони комёб, рушди фарҳанги сиёсии барои занон ошно;

- ташкили корҳои иттилоотию таблиъотӣ, ки ба фаъолгардонии ширкати занон дар дигаргунсозиҳои иҷтимоию сиёсӣ, афзудани теъдоди онҳо дар мақомоти ҳокимият нигаронида шудаанд;

- пешбурди корҳои тадқиқотии шарҳиҳолӣ (биографӣ) оид ба пешравии мансабии занони комёб дар шохаҳои мухталифи ҳокимият.

1.7. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ:

- тавасбути хазинаву барномаҳои давлатию ъайридавлатӣ дастгирии фаъолияти созмонҳои ҷамъиятии занон, идома додани таҷрибаи тайёр намудан ва пешбарии занони сарвар тариқи мактабҳои сарварон ва дигар механизмҳои омӯзиш;

- тавассути ташкили семинару тренингҳо пеш бурдани корҳои маърифатӣ ҳам бо роҳбарони ҳизбҳо ва ҳам бо заноне, ки хоҳиш доранд ба фаъолияти сиёсӣ машъул шаванд: вусъати ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ бо иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои оила, занон, кӯдакон ва мардон кор мекунанд; мунтазам пешбурди корҳо байни занон ва барояшон фаҳмондани зарурати риояи принсипи баробарии мардон ва занон дар ҳама гуна сатҳи сиёсӣ;

- бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги сиёсии интихобкунандагон таҳия ва татбиқи барномаҳои махсус оид ба баланд бардоштани огоҳии иттилоотӣ ва рафъи хурофоти гендерӣ, рушди тадбирҳои боэътимод барои ширкати занон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои маърифатии ҳуқуқи занон ва мардон ҷиҳати фаҳмондани ҳуқуқ ва озодиҳои асосие, ки барояшон қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам сохтааст;

- интишори оммавии барномаҳои омӯзишӣ барои омода кардани занон-роҳбарони сохторҳои худидоракунии маҳаллӣ эа сарварони ҷамоатҳои деҳот.

## 2. ФАЪОЛГАРДОНИИ ШУЪЛИ ЗАНОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

Ҳадафи асосӣ:

Фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занон ва ҳам иштироки баробари онҳо дар ҳаёти ҷомеа, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат.

2.1.Ҷанбаҳои қавӣ:

- санадҳои қонунгузории қабулшуда, ки ба афзунгардонии маблаъгузориҳо ба "сармояи инсонӣ" нигаронида шудаанд, ҷиҳати навсозиҳои иқтисодӣ барои дурнамо заминаи муҳимтарин ва шарти асосии тарҳрезии стратегияи дарозмӯҳлате ба шумор меравад, ки дар асоси баробарии гендерӣ татбиқ мешавад;

- аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии бештари соҳаҳое, ки дар онҳо аксаран занон машъуланд;

- таъсис ва рушди ташкилотҳои ҷамьиятии занон, ки ба пешбарии иқтисодии занон машъуланд;

ҳамкории ташкилотҳои ҷамъиятии занон бо ташкилотҳои байналмилалӣ барои баланд бардоштани фаъолнокии занон дар бозори меҳнат.

2.2. Имкониятҳо:

- тадбирҳои қабулкардаи роҳбарияти мамлакат оид ба пешбарии иқтисодии занон ва таҳияи сиёсати давлатӣ вобаста ба масъалаи мазкур;

- аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ ёфтани ҷараёни имкониятҳои баробар барои мардон ва занон;

- фаъолгардонии нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои пешравии иқтисодии занон;

- барпо кардани робита бо ташкилотҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалие, ки ба масъалаҳои пешравии иқтисодии занон машғуланд;

- тавсеаи имкониятҳо барои ба занон омӯзонидани малакаву тахассусҳои наве, ки дар соҳаҳои истеҳсолоти баландмузд тақозо мешаванд;

- хоҳиши ширкати аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар амалисозии барномаҳое (дарозмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва ғ.), ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст.

2.3. Хатарҳо:

- хавфи дар шумораи умумии аҳолии камбизот ҳанӯз зиёд будани теъдоди занон. Ин зумра -занон: нафақахӯрон ва маъюбон, модарони танҳо, модароне, ки таҳти парасторӣ кӯдакони маъюб доранд, ҳамсарони муҳоҷирони меҳнатӣ;

- мавқеи нисбатан заифи рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат вазъи онҳоро мураккаб гардонда, ба афзоиши сатҳи бекорӣ мусоидат мекунад;

- ҳуқуқҳои иқтисодии мардон ва занон бар асари маърифати ҳуқуқӣ надоштани аксари шаҳрвандони ҷумҳурӣ дорои механизми татбиқ намебошад;

- мавҷуд набудани тадбирҳои тадқиқотӣ ва иттилоотӣ перомуни масъалаҳои мубориза бар зидди табъизи занон дар соҳаи шуғл.

2.4. Вазифаҳои стратегӣ:

- фароҳам овардани баробарии гендерӣ дар соҳаи меҳнат;

- ҷорӣ намудани квотаҳои имтиёзнок дар рафти баргузории озмунҳо оид ба ишғоли вазифаҳо дар ҳамаи сатҳҳо;

- ташаккули иқтидор ва захираи кадрии занон барои ишғоли вазифаҳои давлатӣ дар асоси озмун;

- ворид намудани қисми гендерӣ дар фаслҳои омори иҷтимоӣ ва демографӣ;

- гузаронидани мониторинги мутаносибии гендерии шуғл дар ҳама соҳаҳои истеҳсолот;

- баланд бардоштани сатҳи шуғл дар асоси принсипи баробарии гендерӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ;

- фаъолгардонии усулҳои таҷдиди сохтори иқтисодиёт ба хотири коҳиш додани бекорӣ ва рафъи номутаносибӣ дар бозори меҳнат, ки аз нобаробарии шуғл дар корҳои камэътибор ва каммузд дар соҳаҳои истеҳсолот бармеоянд;

- аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ маърифатнок намудани ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ.

2.5. Амал:

- бунёди маҷмӯи кафолатҳо барои дастрас будани баробарии гендерӣ ҳангоми пешравӣ дар хидмат ва фароҳам овардани шароит барои ҳамгироии комёбиҳои хизматӣ бо ӯҳдадориҳои хонаводагӣ ва тарбияи фарзандон;

- таҳияи усулҳои дастгирии занон ва мардоне, ки ба нигоҳубину тарбияи кӯдакон машғуланд, инчунин механизмҳои ҷалби мардон ба кори тарбияи атфол;

- такмили механизмҳо ва баланд бардоштани нақши шарикии иҷтимоӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои баробарии гендерӣ. Таҳияи усулҳои гуногун ҳангоми гузаронидани таҳлил ва омӯзиши вазъ дар коллективҳои меҳнатӣ ва ҷойҳои корӣ бо мақсади таъмини изҳори иродаву хоҳишҳои заҳматкашон, гирд овардани пешниҳодот марбут ба риояи имкониятҳои баробари занон ва мардон;

- гузарондани таҳқиқоти махсус бо мақсади ошкор сохтани сабабҳои нобаробарӣ дар соҳаҳо ва зинаҳои мухталифи роҳбарии иқтисодиёт;

- мураттаб кардани дурнамо доир ба фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, бо назардошти хусусияти минтақаҳо ва соҳаҳои истеҳсолӣ, инчунин маълумот оид ба назорати камбизоатӣ;

- таҳияи баҳисобгирии дурнамои эҳтиёҷот ба мутахассисон барои иқтисодиёти Тоҷикистон, бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ;

- ҳавасмандгардонии корфармоён барои таъсиси ҷойҳои корӣ барои занон;

- бо дарназардошти хоҳиш ва сатҳи таҳсилоти занон ҷалби бахшҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои ширкат дар бозомӯзии занони бекор ҷиҳати аз худ кардани тахассусҳои бозоргир;

- тавассути талошҳои муштараки мақомоти иҷроия, хадамоти шуғл, ТҶ, ташкилотҳои байналмилалӣ барои занон ва мардон ташкил намудани дарсҳо оид ба мутобиқгардонии иҷтимоӣ, худташаккулӣ, фаъолӣ, ӯҳдабароиву ботадбирӣ;

- ташкили механизми назорати табъиз дар ҷойи кор, ҳангоми қабул ба кор ва" сабукдӯш кардан аз кор, таҳияи механизми ҳифзи ҳуқуқӣ" ҳангоми табъизи гендерӣ дар ҷойи кор ва ғ.;

- коҳиш додани ҷойҳои кории дорои шароити хавфноки меҳнат, паст кардани захмбардории истеҳсолӣ, махсусан дар ноҳияҳои дорои корхонаҳои истеҳсолоти зараровар, бо мақсади коҳиши таъсири манфӣ ба саломатии занон;

- ҳамкорӣ бо корфармоён дар хусуси фароҳам овардани шароити истироҳату фароғат барои занон;

- таҳияи санадҳои қонунгузорӣ доир ба омилҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва имтиёзҳое, ки ҳавасмандии корфарморо барои ба кор қабул кардани шаҳрвандони дорои ӯҳдадориҳои хонаводагӣ, аз ҷумла, вобаста ба рӯзи кори нопурра, ҷадвали фасеҳи корӣ ё дар хона тақвият медиҳад;

- таҳияи барномаҳои рушди тиҷорати хурд ва оилавӣ, шаклҳои гуногуни худмашғулият. Таъсиси системаи "тиҷорат - инкубаторҳо"-е, ки дар онҳо таълими асосҳои соҳибкорӣ вобаста бо омодасозии равонӣ, аз ташхис гузарондани лоиҳаҳои ташкили кори хусусӣ ва кӯмаки минбаъда дар шакли муваққатан озод намудани онҳо аз пардохти андоз, кредитонии имтиёзнок, таъмин бо таҷҳизот, ашёи хом, пешниҳоди биноҳо ва ғ. ба роҳ монда мешавад. Тавсеаи системаи машваратдиҳӣ ва самтбахшии касбии занone, ки мехоҳанд манбаи шуғл дошта бошанд, мусоидат ба татбиқи барномаҳое, ки аз ҷониби коршиносон баҳои мусбат гирифтаанд;

- таҳкими низоми таълими касбӣ, омӯзиш, бозомӯзӣ, такмили тахассуси онҳо; фароҳам овардани шароит барои аз нав мутобиқшавии касбӣ, баланд бардоштани тахассус ё бозомӯзии занone, ки дар фаъолияти кории худ танаффус доранд, аз ҷумла ҳангоми бозгашт аз, рухсатиҳои марбут ба ҳомиладорӣ, таваллуд ё нигоҳубини кӯдак;

- дастгирии ҳамаҷонибаи ҳифз ва рушди шабакаи муассисаҳои томактабӣ ва берун аз мактабӣ, муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоие, ки барои ҳама шаклҳои оила дастрас мебошанд;

- тақвияти назорати доимии вазъи занон дар бозори меҳнат;

- таҳияи меъёрҳои баҳодиҳии таъсири омилҳои экологӣ ва шароитҳои меҳнат ба саломатии (аз ҷумла функсияҳои репродуктивии) занone, ки дар корхонаву муассисаҳои шаклҳои мухталифи моликият машғуланд. Татбиқи тадбирҳо оид ба тақвияти ҳифзи меҳнати занон;

- фароҳам овардани шароит ҷиҳати таъмини шуғли занони рақобатпазириашон заиф (маъюбон, модарони серфарзанд, сарварони оилаҳои номукаммал, ҳамсарони хизматчиёни ҳарбӣ ва дигарон). Таҳияи маҷмӯи тадбирҳое, ки корфарморо ба истифодаи меҳнат ва ба

кор пазируфтани табақаи аҳолии ҳифзи иҷтимоияшон заиф ҳавасманд намояд. Ба табақаҳои мазкур додани кафолати ҳифзи ҳуқуқӣ ҳангоми махдуд кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ.

## 3. ДАСТГИРИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН

Ҳадафи асосӣ:

Расидан ба баробарии гендерӣ дар соҳаи иқтисодиёт, ба дастрасии баробар ба захираҳои молиявӣ тавассути қарздиҳӣ, рушди соҳибкорӣ байни занбн.

3.1. Ҷанбаҳои қавӣ:

а) Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, самтхои кредитӣ

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ислоҳоти сохториро амалӣ намуд, ки ба беҳдошти муҳити корӣ ва соҳибкорӣ, рушди ташаббуси инфиродии қисми аз нигоҳи иқтисоди фаъоли аҳолӣ таъсири назаррас расонд. Барои рушди тиҷорати хурд ва ташаккули табақаи миёнаи соҳибкорон, ки асоси субот ва такягоҳи давлат мебошад, замина гузошта шуд;

- Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси грантҳои президентӣ барои рушди соҳибкории хурд ва миёна, ба касбомӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои солҳои 2006-2010" ва "Дар бораи таъсиси грантҳои президентӣ оид ба фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2008-2010" қабул карда шуд;

- талошҳои ҳукумат дар ин самт ҳамчунин бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ тақвият меёбад, ки дар он ҳиссаи Бонки Умумиҷаҳонӣ, Барномаи Рушди СММ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ бештар зоҳир мегардад;

- дар мамлакат сохторҳои ҷамъиятии зиёде ташкил шудаанд, ки ба рушд ва ҳифзи манфиатҳои тиҷорати хурду миёна мусоидат мекунанд, аз ҷумла Ассотсиатсияи созмонҳои молиявии хурди Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии тиҷорати хурд ва миёна, Ассотсиатсияи занони кордони Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва љайра;

- қонунгузорӣ вазъи ҳуқуқии ширкаткунандагони муомилоти иқтисодӣ, асосҳои ба миён омадан ва тартиби татбиқи ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва дигар ҳуқуқҳои амволиро муайян намуда, ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва дигар муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои молумулкии шахсии ба он алоқамандро танзим менамояд, ки ба баробарӣ, мухторият, ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёни ба он алоқаманд асос ёфтааст.

б) Ислоҳоти замин

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳбуди муҳити тиҷорати хурд як қатор чораҳо андешид:

- вохӯрии доимии мақомоти давлатӣ бо бизнес - ассотсиатсияҳои ватанӣ гузаронида мешавад;

- Шӯрои машваратӣ Доир ба беҳбуди муҳити сармоягузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки бизнес- сохторҳо ташкил карда шуд;

- гузариш ба тартиби соддаи ташкили тиҷорат аз рӯи принсипи "Равзанаи ягона" ба амал бароварда шуд;

- номгӯи васеи чорабиниҳо доир ба коҳиш додани мушкилоти андози тиҷорати хурд (имтиёзҳои андозӣ) тасдиқ гардид;

- доир ба гузаронидани тафтиши фаъолияти субъектҳои бизнеси хурд мораторий эълон карда шуд;

- тартиби озод гирифтани иҷозатнома барои фаъолият амалӣ карда шуд;

- "Барномаи беҳбудии фазои соҳибкорӣ - 200 рӯзи ислоҳот" ба амал баровварда шуда, чораҳои зиддибӯҳронӣ дар бахши тиҷорати хурди Тоҷикистон қабул гардид;

- гурӯҳи доимоамалкунандаи зиддибӯҳронӣ, ки ваколатҳои воқеӣ дорад, ташкил карда шуд;

- нақшаи чорабиниҳо доир ба сарфа ва кам кардани хароҷот аз тарафи ҳар як соҳибкор, сафарбар кардани захираҳои дохилӣ таҳия ва амалӣ шуда истодааст;

- суғуртаи бизнес, қарзҳо, кредит, маблағҳои депозитӣ ва ҷалби захираҳои кредитӣ; дар сатҳи дахлдор дастгирӣ кардани маблағҳои воқеӣ: пуштибонии амалҳои таваккалии молиявӣ бо истифода аз иқтидори бонкҳои ватанӣ ва дастгирии ҳукумат: афзунгардонии сармоя,

- аз ҷумла аз ҳисоби муттаҳид кардани бизнес ва зиёд намудани иштирокчиён амалӣ гардид.

3.2.Ҷанбаҳои заиф:

А) Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, соҳаи кредитӣ

- набудани имконияти маблағгузорӣ аз ҷониби ТҚХ дар мамлакат;

- нобаробарии тақсимоти захираҳо байни мардон ва занон, ки сабаби асосии ба занон дастрас набудани захираҳои молиявӣ мебошад; занон бо сабаби як қатор хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва анъанаҳо нисбат ба мардон дар вазъи вазнинтар қарор дошта, барояшон гирифтани қарз мушкилтар аст, зеро аксари онҳо моликияти кафолатӣ надоранд;

- ҳаматарафа паст будани огоҳии иттилоотӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ;

- набудани таҳлили гендерӣ ва индикаторҳои гендерие, ки натиҷаҳои татбиқи сиёсати гендериро дар соҳаи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ инъикос намояд;

- нисбатан паст будани рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат ба истисноя сабабҳои дигар, инчунин ба он вобаста аст, ки маҳз ба зиммаи онҳо қисми зиёди ташвишҳои хонаводагӣ вогузор шуда, дар натиҷа аксар муваққатан корношоям мемонанд;

- камбизоатии оилаҳо сабаби асосии паҳн шудани шуғли кӯдакон гардидааст. Дар натиҷа ин боиси афзоиши камбизоатӣ мегардад, зеро кӯдакони коргар ё мактабро тарк менамоянд ё ҳаваси идомаи таҳсил суст шуда, боиси маҳдудии имконияти минбаъд давом додани таҳсил ба хотири дарёфти кори дорои музди қобили қабул мегардад.

Б) Ислоҳоти замин

- меҳнат дар деҳот хеле кам механиконида шудааст ё комилан дастӣ анҷом дода мешавад. Миқдори техникаи кишоварзӣ аз нигоҳи корҳои мавсимӣ ҷавобгӯи талабот намебошад. Механиконӣ, яъне таъмини деҳқонон бо техника омӯзондани мардони дар деҳот боқимонда, ҳамчунин тарбияи занон-механизаторонро тақозо менамояд. Аз ҷониби дигар механиконӣ боиси озодшавии захираҳои меҳнатӣ ва коҳиши сатҳи даромади кишоварзон мегардад;

- мавҷуд набудани захираҳои молиявии зарурӣ ва саривақт дастрас набудани он;

- вуҷуд надоштани филиалҳои бонкҳои алоҳидаи тиҷоратӣ дар минтақаҳо; мушкилоти барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо барои гирифтани кредит, набудани баробарии гендерӣ вобаста ба дастрасӣ ба захираҳои замин, об ва амволи ғайриманқул;

- нархи баланди қувваи барқ ва валангор будани иншооту сохторҳои ирригатсионӣ;

- вуҷуд надоштани инфрасохтори илмию техникии деҳот ва зарурати барқарорсозии онҳо; хадамоти селексионӣ, тухмпарварӣ, навъозмоӣ, зотпарварӣ, агрокимиёвӣ ва ғ., инчунин масъалаҳои амнияти кишоварзӣ;

- амалӣ нагардидани низоми мониторинги истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва иттилоотонии истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ.

3.3. Имконниятҳо:

- фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди мӯътадили соҳибкорӣбарои дастгирии табақаи нави соҳибмулкон, рушди институтҳо ва сохторҳои ҷадиди ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- таъмини дастрасии занон ба захираҳои молиявӣ; маблаљгузории хурд ҳамчун манбаи асосии рушди тиҷорати хурду миёна ва дар навбати худ тиҷорати хурд дар таҳкими бахши хусусӣ ҷиҳати гуногунсоҳа гардонидани иқтисодиёт нақши бузург мебозад;

- тавассути маблаљгузориҳо дар дохили мамлакат дастгирии созмонҳои молиявии хурди машъули хизматрасониҳои молиявии сокинони деҳот, ҳамчунин ононе, ки дар минтақаҳо зиндагӣ мекунанд; тавсеаи иштироки ташкилотҳои молиявии хурд дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ;

- васеъ кардани имконниятҳои занон ҷиҳати гирифтани қарзҳо; содда кардани раванди дарёфти қарзҳо; ба занон омӯзонидани малакаву тахассусҳои наве, ки соҳаҳои истеҳсолоти сермузд ба онҳо ниёз доранд;

- барқарорсозии заминаи илмию техникии деҳот: хадамоти селексионӣ, тухмипарварӣ, навъозмоӣ, зотпарварӣ, агрокимиёвӣ ва љайра, ҳамчунин масъалаҳои амнияти кишоварзӣ.

3.4. Хатарҳо:

- заиф гардидани мавқеи рақобатпазирии занон, пеш аз ҳама дар соҳаҳои каммузд;

- пуршиддат гардидани бозоргирӣ дар соҳаи молия ва чун натича-коҳиш ёфтани ҳаҷм ва суръати дастгирии қарзии тиҷорати хурд, зиёд гардидани андозаи фоиз барои қарз;

- танг шудани ҳаҷми гунчоиши аксари бозорҳои мол, хусусан маҳсулоти љайриистеъмолӣ;

- беқурбшавии арзиши асъори миллӣ ва боло рафтани хароҷоти хизматрасониҳои маблаљҳои пулии ба муомилот баровардашуда, аз ҷумла қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашуда ё индексатсияшуда; бад шудани нишондиҳандаҳои молиявӣ, эҳтимолияти муфлисшавӣ;

паст гардидани вуруди маблаљҳо ба тиҷорат ва коҳиш ёфтани ҳаҷми фурӯш; коҳиши ҷиддии даромаднокии тиҷорат ва иқтидори рушди он.

3.5. Вазифаҳои стратегӣ:

- таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии дорои ҷанбаи гендерии мамлакат, таҳлили саҳми мардон ва занон ба натиҷаҳои иқтисодии сиёсати амалишавандаи макроиқтисодӣ;

- қабули барномаҳо оид ба таъмини дастрасии баробари занони деҳот ба захираҳои иқтисодӣ;

- таълими иқтисодию ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ.

3.6. Амал:

- Таҳияи тадбирҳое, ки барои иҷрои ҳадафҳо пешбинӣ шудааст, ба ҳалли проблемаҳои зайл мусоидат мекунанд:

- баланд шудани рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат, бо истифода аз маҷмӯи дастгириҳо (машваратҳо, кӯмак дар омӯзиш ва таъмин бо ҷойи кор); рушди минбаъдаи соҳибкорӣ ва худмашъулият байни занон;

- бозомӯзии касбии занон, омӯзонидани қобилияти маъмуриятӣ ва идораи тиҷорат. Ҳамзамон таълим ба мавзӯъҳои мазкур нигаронида мешавад: тиҷорат - менеҷмент, тарбияи боварӣ ба худ ва баланд бардоштани салоҳияти касбӣ;

- таҳияи шабакаи васеи марказҳои таҳсилоти иқтисодӣ, такмили тадбирҳо оид ба рушди тиҷорати хурду миёна бо роҳи дастгирии молиявии соҳибкорӣ, ривоҷи васеи хизматрасониҳои машваратӣ ва маркетингӣ;

- таҳияи механизмҳо ҷиҳати ба тиҷорат ҷалб кардани занон ва мусоидат ба рушди корхонаҳои таъсисдодаи онҳо. Эҳтиёҷоти занон ба меҳнат ҳангоми дигаргунсозиҳои иқтисодӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Ҳамзамон бояд ба рушди шуғли занон дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла дар соҳаи коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шавад;

- ба омӯзиши тахассусҳои техникӣ фаро гирифтани теъдоди бештари духтарон ва занон;

- бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории дорои тамоюли иҷтимоӣ, ки ба масъалаҳои зерин нигаронида шудааст: паҳн намудан ва рушди тиҷорати оилавӣ, ки бақои хонаводаро устувор месозад; таҳияи шабакаи васеи ҷойҳои корӣ "дар хона" бо реҷаи озоди корӣ ва шаклҳои нави тақсимоти меҳнат; аз байн бурдани усулҳои фишор ва фармонфармоӣ дар соҳаи идоракунии тиҷорат, истифодаи усулҳои иқтисодӣ, бо рушди шарикии иқтисодӣ ва кӯмаки якдигар;

- мураттаб сохтани дурнамои аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол бо дарназардошти ҷабҳаҳои гендерии минтақаҳои алоҳида ва бахшҳои истеҳсолот, инчунин мушаххас намудани эҳтиёҷот ба қарз;

- баланд бардоштани самараи қарздиҳии хурд барои занон бо роҳи тақвияти суроғавӣ ва шаффоф будани онҳо, ҳарчи бештар фарогирии занони камбизоат бо барномаҳои қарздиҳии хурд (махсусан дар деҳот). Бо ин мақсад ба мақомоти иҷроия тавсия дода мешавад, ки занонро ба таблиғу ташвиқ ва интишори донишу малакаи худ доир ба ташкили тиҷорат (ва дониш дар соҳаи кишоварзӣ) ҷалб намоянд;

- ба роҳ мондани ҳисобу китоби иқтисодӣ дар бораи самара ва оқибатҳои иҷтимоии таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои занон ва мардон;

- ҷалби бахши тиҷоратӣ ва (ТҶ) ҷиҳати иштирок дар бозомӯзии занони бекор вобаста ба тахассусҳои бозоргир, бо дарназардошти хоҳиш ва сатҳи таҳсилот;

- такмили шакл ва усулҳои дастгирии иҷтимоии табақаҳои гуногуни занон дар таъмини шуғли онҳо, аз ҷумла тавассути шаклҳои фаъоле, ки ба мустақилона ҳаллу фасл кардани мушкилот ҳидоят мекунанд; ноил гардидан ба рушди мусоид ва тавсеаи ширкати занон дар соҳибкории хурд ва оилавӣ, бо роҳи пешниҳоди имтиёзҳои андоз, қарз ва суғуртаи соҳаҳои номбурда.

## 4. МАСОИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ТАҲСИЛОТИ ЗАНОН

4.1. Ҳадафи асосӣ:

Баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти занони Тоҷикистон.

- тавсеа ва такмили тадбирҳои маҷмӯӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи фарогирии духтарон бо таҳсилоти миёна ва касбӣ, аз ҷумла аҳолии деҳот ё ноҳияҳои дурдаст, инчунин хонаводаҳои камбизоат;

- баланд бардоштан ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани сифати таҳсилот. Ҳадаф аз гирифтани дониш ва малакаҳои мавриди ниёзи бозори меҳнат иборат мебошад, ки барои ҳаёти ҷамъиятӣ ва хонаводагӣ зарур аст;

- мусоидат ба дигаргунсозии дастурҳои иҷтимоӣ, дарки арзиш ва тарзи рафтор дар самти таъмини имкониятҳои баробарии гендерӣ.

4.2.Ҷанбаҳои қавӣ:

- маҷмӯи санадҳои барномавӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занон ва мардони ҷумҳурӣ, аз ҷумла марбут ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои системаи маориф таҳия гардидааст; шумораи духтароне, ки барои гирифтани таҳсилоти олӣ кӯшиш

менамоянд, афзуда, онҳо таҳсилро ҳамчун кафолати устувори иқтисодӣ ва тақозои бозори меҳнат дарк менамоянд;

- тартиби "Квотаи президентӣ" барои духтарони минтақаҳои дурдаст таҳия ва татбиқ мегардад, ки барои гирифтани маълумоти олӣ имконият медиҳад;

- дар системаи маорифислоҳот оғоз шудааст, ки ба ҳамгироии васеъ ба системаи ҷаҳонии таҳсилот нигаронида шуда, дар доираи он тартиби маблағгузорӣ низ тағйир мeёбад;

- дар заминаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми доимоамалкунандаи таълими занони сарвар, ки дар сохторҳои идораи давлатӣ кор мекунанд, ташкил карда шудааст;

- ба барномаҳои системаи таҳсилоти олӣ Асосҳои демография ва сиёсати гендерӣ ба сифати фанни ҳатмӣ ворид карда шудааст;

- фаъолнокии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба масъалаҳои таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти занон машғуланд, бештар ба мушоҳида мерасад.

4.3.Ҷанбаҳои заиф:

- сатҳи пасти фарогирии духтарон, махсусан духтарони деҳот ба системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- мавҷудияти ақидаронии маъмул дар бораи ба духтарон чандон муҳиму зарур набудани таҳсилоти замонавию ҳамагонӣ ва касбӣ. Даромади хонаводагӣ ба омили муҳимтарини дастрасӣ ба таҳсилот табдил ёфта истодааст. Баробарии мардон ва занон дар соҳаи маориф, ки қонунгузорӣ эълон намудааст, кофӣ намебошад, зеро иштироки воқеӣ дар дарсҳо масрафи муайяни вақт (аз иҷрои корҳои хонаводагӣ ё бозору дигар ҷойҳо, ки барои оила кӯмак мебошад) ва воситаву маблағро (либос, пойафзол, лавозимоти мактабӣ, хароҷоти нақлиёт ва мактаб) тақозо мекунад, ки аз нобаробарии имкониятҳо гувоҳӣ медиҳад. Маъмулан ақидае ҳукмфармост, ки барои писарбачаҳо бояд маблағи бештар сарф карда шавад, зероояндаи духтарҳо - оила, хона, хоҷагидорӣ ва фарзанд асту бас. Духтарон аз хурдсолӣ дар ҳамин рӯҳия тарбия карда мешаванд. Бинобар ин онҳо худашон низ барои дарёфти таҳсил чандон ташаббус зоҳир намекунанд;

- маблағгузории ғайрикофии соҳаи маориф, ки дар мушкилоти марбут ба инфрасохтори мактабӣ, таъмин бо кадрҳои соҳибихтисос зоҳир мегардад;

- паст будани фаъолнокии занон дар ҳаёти сиёсӣ ва бозори меҳнат, аз ҷумла вобаста ба сатҳи нисбатан пасти таҳсилоти онҳо;

- масрафи зиёди нерӯи ҷисмонӣ ва вақти занон барои иҷрои корҳои хонавода. Ба дӯши занон ҳиссаи асосии иҷрои корҳои хонаводагӣ вогузошта шудааст, аз ин рӯ онҳо барои омӯзиш, баланд бардоштани тахассус ва худомӯзӣ вақти кофӣ надоранд;

- нокифоя будани интишори мавод дар ВАО оид ба мушкилот ва монеаҳо ҷиҳати иштироки занон дар ҷараёни таҳсил.

4.4. Имкониятҳо:

- таъсиси марказҳо оид ба омӯзиши баробарии гендерӣ, аз ҷумла дар ҷараёни таҳсил дар ҷумҳурӣ; таҳияи Стратегияи мусоидат ба таҳсилоти духтарон;

- такмили сохтори баланд бардоштани сатҳи тахассус ва дониши гендерии муаллимони мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва олӣ;

- татбиқи амалияи истифодаи индикаторҳои аз ҷиҳати гендерӣ ҳассосибаҳогузорӣ ба рушди системаи маориф.

4.5. Хатарҳо:

- боқӣ мондани сатҳи нисбатан пасти таҳсилот байни занон метавонад ба рушди демократия ва ҳаллу фасли мушкилоти камбизоатӣ монеаҳо эҷод кунад;

- мавҷудияти таҳсилоти касбӣ, аммо бесифат наметавонад ба занони мутахассис рушди касбӣ ва вазифавиро кафолат диҳад;

- ҳуқуқи мардон ва занон бар иллати сатҳи пасти маърифати гендерии доираи васеи шаҳрвандони ҷумҳурӣ нокифоя амалӣ мешаванд;

- надоштани оддитарин донишҳои ҳуқуқӣ имконияти занонро ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ, ва амалисозии имкониятҳо маҳдуд месозад;

- нарасидани коршиносон оид ба ташхиси гендерии барномаҳои таълимӣ дар самти таҳия ва татбиқи барномаҳои аз нигоҳи гендерӣ ҳассос маҳдудиятҳоро ба бор меорад.

4.6. Вазифаҳои стратегӣ:

- баланд бардоштани фарогирии духтарон ва занон ба таҳсил;

- таъмини ҳамкории сохторҳои дахлдор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккул, татбиқ ва назорати стратегияи баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти занони ҷумҳурӣ;

- тақвияти иқтидори соҳаи маориф;

- ворид кардани унсурҳои гендерӣ ба маводи омӯзишию методии муассисаҳои таълимӣ;

- ҷалби бештари занон ба фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодӣ.

4.7. Амал:

- татбиқи ҳатмӣ будани дарёфти таҳсилоти миёнаи пурра;

- таҳия ва пешбарии механизмҳо оид ба кам кардани пардохти арзиши таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла барои духтарон;

- бунёди махзани таҳлилӣ оид ба тамоюлҳои демографӣ, маориф ва шуғли занон, таъсири тадбирҳои сиёсӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл, буҷети давлатӣ ва соҳибкорӣ ба таҳсил;

- ташаккули барномаҳои рушди соҳаи маориф ва системаи маблағгузории дорои индикаторҳои аз нигоҳи гендерӣ ҳассос;

- баланд бардоштани сатҳи таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳо ва васоити техникӣ, хусусан дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот;

- таъсиси системаи доимоамалкунандаи гузаронидани корҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба муҳимият ва зарурати таҳсилоти занон тавассути ҷалби ВАО, ташкилотҳои динию ҷамъиятӣ;

- мусоидат ҷиҳати фароҳам овардани муҳити бехатари таҳсилоти баинобатгирандаи омилҳои гендерӣ, ки боиси рафъи монеаи асосии фарогирии пурраи духтарон ба таълим мегардад. Мавҷудияти оби ошомидании тоза, ғизои ройгон ва мактабҳои начандон калони ба хонаҳо наздик ва ғ. мустақиман барои ба мактаб фаро гирифтани духтарон ва таҳсили онҳо таъсир мерасонад;

- таҳияи механизмҳои идома додани таҳсил барои духтароне, ки дар вақташ таҳсилоти миёнаи пурра нагирифтаанд. Он бояд тамоюли амалӣ дошта, интихоби касб, шароити зисти духтарон ташкили маркази омӯзиши касбҳои коргариро (дӯзандагӣ, бофандагӣ, заргарӣ ва ғ.) ба инобат гирад;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои махсуси барои духтарон пешбинигардида, ки имкон медиҳад иттилоот, малака, маслиҳат ва хизматрасониҳо барои интихоби касб, ҳифз аз низоъ ва зӯровариҳои хонаводагӣ, сӯистифодаи маводи мухаддир ва паҳншавии бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда дастрас карда шавад;

- таҳия ва истифодаи василаҳои таъмини шаффофияти нишондиҳандаҳои молиявии системаи маориф, аз ҷумла бо истифода аз таҷрибаи муҳокимаи ҷамъиятии буҷет;

- таъмини ба эътибор гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ ва дурнамо дар раванди ҷойгиронии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- дастгирии барномаҳои таҳқиқотии марбут ба масъалаҳои гендерӣ ва фароҳам овардани дастрасӣ ба натиҷаҳои он барои ҳама шахсони манфиатдор. Таҳияи шабакаи иттилоотӣ оид ба тадқиқоти гендерӣ.

## 5. ЗАНОН ВА ТАНДУРУСТӢ

Ҳадафи асосӣ:

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии занон бо василаи тақвияти сиҳатӣ дар маҷмӯъ ва солимии репродуктивӣ аз он ҷумла.

5.1.Ҷанбаҳои қавӣ:

- шабакаҳои муассисаҳои тиббӣ бунёд ва рушд гардида, боиси машъули хидматгузорӣ дар умури ҳифзи сиҳатии занон мегарданд;

- лоиҳа ва барномаҳо доир ба солимӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва љайригениталӣ, таъмини сиҳатии модарон таҳия ва амалӣ карда мешаванд;

- Консепсияи ҳифзи солимии репродуктивӣ таҳия ва қабул карда шудааст, ки сиёсати давлатро дар ин самт ва маҷмӯи тадбирҳои пешгирикунандаро муайян месозад. Барномаҳои ташкилу такмили кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо, таъмини иттилоотӣ дар соҳаи солимии репродуктивӣ ва бурдани корҳои пажӯҳиширо перомуни масъалаҳои номбурда дар бар мегиранд;

- ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои пажӯҳиш ва инъикоси мушкилоти марбут ба солимии репродуктивии занон фаъолият мебаранд;

- маъракаҳои иттилоотӣ дар мавзӯи моҳияти синамаконии атфол, хидматгузориҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон доир карда мешаванд;

- марказҳои бӯҳронӣ барои занон ҳамчун унсури ҳифз, аз он ҷумла солимии равонии онҳо таҳия шудаанд.

5.2. Ҷанбаҳои заиф:

- сатҳи пасти маълумотнокии занон;

- маҳдудиятҳои хароҷоти буҷети давлатӣ ба ҳифзи саломатӣ ҳам ба мардҳо ва ҳам ба занҳо таъсир мерасонад, аммо дар вазъияти норасоии буҷети хонаводагӣ, эҳтиёҷоти занон дар кори беҳдошти саломатӣ дар ҳадди ниҳоят кам, афзалиятнокии масъаларо боло мебарад;

- маблаљгузории маҳдуд иҷрои барномаҳо ва чораҳои пешбинигардидаро дар соҳаи ҳифзи саломатӣ љайриимкон ва нопурра мегардонад;

- сатҳи пасти тахассуси ва нарасидани ҳайати кормандони тиббӣ, махсусан дар деҳот;

- сатҳи пасти даромади хонаводаҳо, ноқисии воситаҳои молӣ барои саломатӣ ва дастрасии нопурраи занон ба хидматтузориҳои тиббӣ;

- сатҳи пасти огоҳии насли ҷавон дар масъалаҳои солимии репродуктивӣ ва гирифтани кӯмаки босифат;

- набудани низом дар гузаронидани тадбирҳои пешгирӣ, ташхису муоина ва табобати саратони љадуди сина, гарданаки бачадон, тухмдон ва остеопороз.

5.3.Имкониятҳо:

- ташаккул ва таҳлили мунтазами хазинаи маълумот доир ба омори тиббӣ бо дарназардошти унсури гендерӣ;

- таҳияи сенарияҳои рушди саломатии аҳолӣ бо асоснок кунонидани дурнамои имконпазири марбут ба саломатии занону модарон ва кӯдакон;

- такмили низоми ташхис ва пешгирии саломатии занону модарон ва кӯдакон;

- марказонидани кӯшишҳои сохторҳои расмӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар кори фаъолгардонии маъракаҳои иттилоотии марбут ба ҳифзи саломатии занону модарон ва кӯдакон;

- пешбурди мунтазами сиёсати солимии репродуктивӣ ва танзими оила.

5.4.Хатарҳо:

- номуккамал будани низоми гирдоварӣ ва таҳлили маълумот дар доираи омори тиббӣ, ки дарёфти баҳои мукаммалу воқеии вазъро ѓайриимкон мегардонад;

- воқеияти таҷрибаи таваллудҳои хонагӣ хавфи ҳамл ва таваллуди хатарнокро меафзояд;

- афзоиши теъдоди бемориҳои иҷтимоии хатарнок (ВИЧ/СПИД, нашъамандӣ, майхорагӣ, сироятҳои аз тариқи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва ѓайра);

- ҳанӯз боқӣ мондани афзоиши ҳолатҳои худкушӣ аз тарафи занон, аз он ҷумла дар синну соли ҷавонӣ, аз ноустувории равонӣ низ шаҳодат медиҳад.

5.5.Вазифаҳои стратегӣ:

- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии занон; тақвияти иқтидории соҳаи ҳифзи саломатӣ;

- таъмини татбиқи модели муосиру арзишҳои навини илмӣ дар оила; таъмини шаффофият ва воқеъияти омори тиббӣ;

- тадриҷан бартараф кардани тафриқаҳо байни шаҳру деҳот дар кори дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббию профилактикӣ.

5.6.Амалиёт:

- ташкили марказҳои таҳлилӣ оид ба тамоюлҳои демографӣ, беморшавӣ, солимии репродуктивии занон ва духтарони ноболиѓ, таъсири тадбирҳо ба саломатӣ дар чаҳорчӯбаи сиёсати шуѓл ва ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, экология;

- ташаккули барномаҳои рушди соҳаи ҳифзи саломатӣ ва бахши

- маблаѓгузории соҳаи марбут бо индикаторҳои тендерии ҳассос;

- бунёд ва амалӣ кардани василаҳои устувори барои ба ҳам овардани кӯшишу талошҳо ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии ҳама зинаҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динию хайрия барои гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ дар кори дастгирии саломатӣ, натиҷагирӣ аз вазъият ва назорати барномаҳо дар соҳаи тандурустӣ;

- муттаҳиднамоии низоми миллии ҳисоботи тиббӣ ба низоми ҷаҳонӣ, аз ҷумла, дар кори ҳисобу китоб, асоснок кардани меъёрҳо ва стандартҳои тиббӣ;

- ҳарчи бештар бо кадрҳо таъмин, будан ва муҷаҳҳазии техникии муассисаҳои тиббӣ, хусусан дар деҳот;

- дар заминаи шӯъбаҳои амалкунандаи онкологӣ ва солимии репродуктивӣ таъсиси бахшҳои ташхиси саривақти (скрининг)-и саратони ѓадуди сина;

- таҳия ва таъмини шаффофияти заминаи меъёрию ҳуқуқии пардохти шарикии миҷозон барои хизматгузориҳои тиббӣ бо назардошти омили гендерӣ;

- татбиқи барномаҳои солимии репродуктивӣ ва танзими оила;

- чораҷӯиҳо оид ба пешгирии худкушӣ, аз ҷумла бо ёрии шабакаҳои телефонҳои боварӣ, марказҳои бӯҳронии занона;

- таъмини дастрасии ҳамаи занон ва духтарон ба маърифату маълумот оид ба масъалаҳои алоқаи ҷинсӣ ва тавлиди кӯдак, модарии бехатар ва синамаконӣ, истеъмоли ѓизо, сӯистифода аз маводи мадҳушкунанда;

- мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи дониш барои коҳиши ҳомиладории номақбули ҷавонон.

## 6. ТАШАККУЛИ ДАРКИ ЗАРУРАТИ ТАЪМИНИ БАРОБАРИИ ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲО ДАР ТАФАККУРИ ҶАМЪИЯТӢ

Ҳадафи асосӣ:

ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва рафтор дар асоси принсипи баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ва мардон.

6.1 Ҷанбаҳои қавӣ:

- дар ҷумҳурӣ қабул гардидани маҷмӯи барномаҳои гендерӣ ва қоидаҳое, ки дар таъмини баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳо заминаи бунёдиро ташкил медиҳанд;

- шумораи нашрияҳои маҳаллӣ, матбааҳо, шабакаҳои радио ва телевизион зиёд мегарданд, ки аз афзоиши имкониятҳои таъсиррасонӣ ба ҷомеа ва доираҳои васеи аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад;

- фаъолшавии кори ТҶ, аз ҷумла онҳое, ки ба масъалаҳои гендерӣ машғуланд;

- афзудани нашри маводи занон-рӯзноманигорон, журналистони ҷавони мустақил.

6.2.Ҷанбаҳои заиф:

- вуҷуд надоштани муттасилӣ дар гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ оид ба масъалаҳои мубориза алайҳи табъиз нисбат ба мардон ва занон;

- таҷрибаи заифи гендерии журналистон ва хабарнигорони маҳаллӣ;

- ВАО то ҳанӯз дар ҳаллу фасли масъалаҳои гендерӣ шарики фаъол нагардидаанд.

6.3. Имкониятҳо:

- маърифатнокии саросарии ҳуқуқӣ ва гендерии аҳолӣ;

- муттаҳидсозии кӯшишу талоши ВАО ва ТҶ дар инъикоси баробарии занон ва мардон, мушкилоти занон ва кӯдакон;

- омӯзонидани кормандони ВАО ҷиҳати кор вобаста ба мавзӯъҳои гендерӣ.

6.4. Хатарҳо:

- ақидаронињои кӯҳнаи мавҷудаи гендерӣ метавонанд барои татбиқи дигаргуниҳои демократӣ дар ҷумҳурӣ монеаи ҷиддӣ бошанд;

- инъикоси нокифояи сиёсати гендерии давлат дар ВАО то андозае метавонад самарабахшии тадбирҳои андешидашавандаро коҳиш диҳад.

6.5.Вазифаҳои стратегӣ:

- ворид намудани мавзӯъ ва муносибатҳои гендерӣ дар фаъолияти нашриёт, радио, телевизион ва ВАО-и электронӣ;

- рушди воқифии ҷомеа доир ба муоҳидаҳои байналмилалӣ ва миллӣ, қонунгузории гендерӣ;

- баланд бардоштани воқифии домеа доир ба масъалаҳои баробарии гендерӣ.

6.7.Амал

- дастгирӣ ва баланд бардоштани мақоми занон-рӯзноманигорон дар ҷомеа;

- ба сардабирони ВАО омӯзонидани малакаҳои гузаронидани баҳсу мунозираҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ;

- пахши муқаррароти муоҳидаҳои байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва таъмини баробарҳуқуқии мардон ва занон - ташкили озмунҳо барои беҳтарин гузориш, хабар, мусаввараҳо ва овезаҳо, гузаронидани олимпиадаҳо ва конфронсҳо, омода кардани филмҳо ва маводи чопӣ;

- таҳия ва интишори ҳисоботи даврӣ дар бораи рафти иҷрои барномаҳои давлатии марбут ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон;

- таъмини ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва ВАО оид ба масъалаҳои ноил шудан ба баробарии мардон ва занон;

- дар ВАО инъикос намудани намунаҳои воқеии фаъолияти хубу самараноки занон дар сиёсат ва иқтисодиёт;

- дасттирии таҷрибаи гузаронидани ташхиси гендерии санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ.

## 7. САМТҲОИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ НИСБАТ БА ЗАНОН

Ҳадафи асосӣ:

фароҳам овардани шароит барои зиндагии арзандаи занон бидуни зӯроварӣ. Роҳ нададан ба зӯроварӣ дар муошират байни одамон. Решакан намудани ҳама гуна шаклҳои зуҳуроти зӯроварӣ дар ҳама соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар оила.

7.1.Ҷанбаҳои қавӣ:

- шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба пешгирӣ ва рафъи зӯроварӣ нисбат ба занон таъсис дода шудааст, ки ба ҳайати он намояндагони вазоратҳои адлия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тандурустӣ, корҳои дохилӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони судҳо ва Прокуратураи генералӣ, инчунин намояндагони ТҶ шомиланд;

- Тоҷикистон ба Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон ҳамроҳ шуда, ӯҳдадории таъмини ҳуқуқҳои баробари мардон ва занон, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт бидуни зӯровариро ба зимма гирифтааст.

- дар Палатаи поёнии Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ амал мекунад, ки он ба қонунгузорӣ машғул аст ва дар таҳияи сиёсати гендерии мамлакат иштирок дорад;

- дар мақомоти намояндагии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ сохторҳое мавҷуданд, ки ба масъалаҳои оила машғуланд;

- дар вазоратҳо ва идораҳои соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ) воҳидҳои сохторие мавҷуданд, ки бевосита ба ҳаллу фасли мушкилоти занон, оила, кӯдакон машғуланд. Ба ҳаллу фасли масъалаҳои меҳнат ва маишати занон хадамоти шуғли аҳолӣ ва дигар мақомоти давлатӣ машғул мебошанд.

- бо дастгирии Комиссияи миллӣ оид ба кор бо занон ва оила ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи зӯроварӣ нисбат ба занон чораҳои амалӣ андешида мешаванд.

7.2.Ҷанбаҳои заиф:

- занони ҷабрдида дар бораи содир шудани зӯроварӣ аз тарси он, ки таҳти таъна ю маломати ҷамъият қарор мегиранд, арз намекунанд. Дар натиҷаи амали ақидаронихои дар зӯроварӣ мавҷуд будани "гуноҳи зан" расмиёти гирдоварии далелҳои марбут ба ин навъи ҷиноятро занон чун таҳқир меҳисобанд, ки пирӯзии қатъиро дар мурофиаи судӣ ва ҷазо додани ҷабркунандаро таъмин наменамояд;

- қочоқи занон ба зуҳуроти назарраси иҷтимоӣ табдил меёбад. Ҳамзамон, иттилоот дар бораи миқёс, шакл ва намудҳои он бениҳоят кам аст; ҷабрдидагони қочоқ маъмулан бе раводид ва шиноснома мемонанд ё шиносномаҳои қалбакӣ доранду ба муҳоҷирони меҳнатии ғайриқонунӣ табдил ёфта, дар натиҷа бо вуҷуди хилофи қонун будани шароити зиндагӣ ва меҳнат, намехоҳанд бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ робита дошта бошанд;

- ҳама масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон аз ҷониби судҳо ба тартиби умумӣ баррасӣ мешаванд, расмиёте, ки эҳтиёҷоти хоси занонро ба эътибор мегирад, пешбинӣ нашудааст;

- воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба проблемаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон машъуланд, аз ҷиҳати таъминоти техникӣ заиф буда, имкон надоранд ба занони ҷабрдида ёрии мушаххас расонанд;

- мавҷуд набудани воситаҳои самарабахши институтсионалии машъули пешгирӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва дорои қобилияти дастгирии ҷабрдидагони чунин зӯроварӣ;

- номукаммалии қонунгузории муосир дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи зӯроварӣ нисбат ба занон, вуҷуд надоштани санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсусгардонидашуда дар ин соҳа ва набудани механизмҳои назорат аз рӯи иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда;

- вуҷуд надоштани системаи маҷмӯии бақайдгирӣ ва пешбурди омор оид ба далелҳои зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ барои танзими фаврӣ дар кори расонидани шаклҳои гуногуни кӯмак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ;

- амалан дар бораи зӯроварӣ дар оила, ҷойи кор, макони таҳсил, ки дар шакли таҳқири маънавию ахлоқӣ, фишори рӯҳӣ сурат мегирад, омор вуҷуд надорад, далелҳои талабу даъвоҳои шаҳвонӣ ғайрикофӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд;

- сатҳи нокифояи омодасозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон;

- сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ дар бораи проблемаҳои зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ бо сабаби инъикоси мухталифи масъалаи мазкур дар ВАО.

7.3. Имкониятҳо:

- қабули барномаи давлатӣ ва сафарбар намудани ҳамаи сатҳҳо ва воҳидҳои сохтории ҳокимият ба мубориза зидди зуҳуроти зӯроварӣ нисбат ба занон;

- рушди шабакаи марказҳои бӯҳронӣ ва сарпаноҳгоҳҳо барои афроде, ки дучори зӯроварӣ шудаанд. Дар оянда ин муассисаҳо метавонанд ба заминаи методию иттилоотии тамоми ташкилотҳои хидматгузори иҷтимоии оилаҳо ва кӯдакон табдил ёбанд;

- пешгирию рафъи зӯроварӣ дар хона тавассути омӯзиш ва ошкор сохтани зӯроварӣ дар ибтидои зуҳуроти он.

7.4. Хатарҳо:

- Но мутаносибии гендерӣ ба ҳайси замина дар сохтори муносибатҳои инсонӣ ва ҳамчун муҳити мусоид барои зуҳуроти ҳама гуна зӯроварӣ, ки ба тасаввуроти афзалияти "табиии" мардон асос ёфтааст, метавонад шаклҳои номатлуберо касб кунад, бар замми ин чунин муносибат метавонад боиси таназзули шахс гардад, ки дучори зуҳуроти зӯроварӣ шудааст;

- оқибатҳои зуроварӣ метавонад боиси маҳдудшавии иҷтимоӣ ва рафтори зиддииҷтимоии занон, канораҷӯӣ аз иштирок дар фаъолияти сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва маърифатӣ гардад;

- таъсири манфии зӯроварӣ ба рӯҳияи кӯдаконе, ки шоҳиди он буданд;

- афзоиши худкушии занон, куштор ва расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонии миёна, ҷинояткорӣ байни кӯдакон, наврасон ва ҷавонон.

7.5. Амал:

Дар самти пешгирӣ ва рафъи зӯроварӣ нисбат ба занон:

- такмили низоми қонунгузорӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи зӯроварии дорои аломатҳои гендерӣ мутобиқан ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва фаъолгардонии маҷмӯи тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷабрдидагон аз зӯроварии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

- ташаккули системаи институтҳои иҷтимоӣ оид ба кӯмаки амалӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ ва ҳамоҳангсозии нерӯ ва захираҳои ҳамаи тарафҳои манфиатдор оид ба масъалаи мазкур;

- таъсиси системаи сохтори кадрӣ ва илмию методӣ оид ба таъмини фаъолияти институтҳои иҷтимоии махсусгардонидашудаи кор бо ҷабрдидагон аз зӯроварӣ, барои ташкили назорат ва тасҳеҳи лоиҳаҳо, барнома ва чорабиниҳо;

- ба аҳолӣ додани машварату маслиҳат оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон дар заминаи марказҳои бӯҳронӣ, хадамот, макотиби олӣ ва шӯъбаҳои ноҳиявии мақомоти корҳои дохилӣ;

- дар заминаи як ё якчанд мактабҳои олии махсусгардонидашудаи мамлакат бо таври маҷмӯӣ омода кардан ва омӯзонидани кормандони соҳаи иҷтимоӣ, ҳайати дахлдори мақомоти тандурустӣ, маориф ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои кор бо шаҳрвандоне, ки дучори зӯроварӣ гардидаанд;

- дар барномаҳои таълимӣ пешбинӣ кардани курсҳои тайёрӣ оид ба огоҳонидану пешгирӣ намудани зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ;

- гузарондани корҳои иттилоотӣ, маърифатӣ ва тарбиявӣ оид ба тағйир додани хуруфоти маъмуле, ки ба эътирофи бартарии як ҷинс назар ба ҷинси дигар асос ёфтааст; дастгирӣ, рушд ва татбиқи рекламаи иҷтимоӣ ва дигар усулҳои ҷалби ВАО ба таблиғу ташвиқи арзишҳо бидунизӯроварӣ;

- тақвияти ҳамкории сохторҳои ҳокимият, муассисаҳои иҷтимоӣ ва ТҶ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ;

- таъмини омӯзиши махсусгардонидашудаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, духтурон, кормандони иҷтимоӣ барои расонидани кӯмак, офиятбахшӣ ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба ҷабрдидагон аз зӯроварӣ ва ашхосе, ки ин амалро содир намудаанд;

- созмон додани гурӯҳи махсуси корӣ оид ба омӯзиши таърих ва назарияи табъиз нисбат ба занон аз рӯи аломатҳои гендерӣ, гузарондани таҳқиқоти илмӣ ва илмию амали барои пажӯҳиши сабабҳои табъиз нисбат ба занон;

- такмили ҳисоботи оморӣ бо мақсади дарёфти иттилооти пурра ва воқеӣ оид ба ҳама шаклҳои зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ, инчунин ҳавасмандгардонии таҳқиқи сабабҳо, хислат, дараҷа ва оқибатҳои чунин зӯроварӣ;

- амалӣ намудани ҳимояту сарпарастии ҳамвораи заноне, ки ниёзманди дастгирию ҳифз аз зӯроварӣ мебошанд, офиятбахшӣ ва пешниҳоди сарпаноҳи муваққатӣ;

- дастгирии равонии занон дар ҳаллу фасли мушкилоти сафарбар намудани имкониятҳои инфиродии онҳо ва захираҳои дохилӣ барои рафъи вазъияти мураккаби зиндагӣ;

- ба роҳ мондани корҳои иттилоотию таблиғотӣ ва маърифатӣ (барномаҳои омӯзишӣ, интишори буклету бюллетенҳо) марбут ба мушкилоти пешгирию рафъи зӯроварӣ, аз ҷумла қочоқ;

- мусоидат ба паҳн кардани таҷрибаи байналмилалии мубориза бо зӯроварӣ, мусоидат ҷиҳати аз тарафи худи занон фаҳмидани зарурати иштироки онҳо дар решакансозии зӯроварӣ тавассути тақвияти худбаҳогузории инфиродӣ ва иттиҳодиявии фарҳангию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ;

- якҷоя бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаронидани омӯзиши муттасили гендерии мутахассисони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, адлия, шуғл ва кормандони нигаҳдории тандурустӣ;

- бо мақсади роҳ надодан ба далелҳои зӯроварӣ гузаронидани корҳои пешгирикунанда бо оилаҳои носоз ва гурӯҳҳои имконпазири аҳолӣ;

- дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ пурзӯр кардани корҳои марбут ба тарбияи оилавӣ ва меъёрҳои ахлоқу одоб; дар коллективҳои меҳнатӣ ба роҳ мондани корҳо оид ба мамнӯъ шумурдани ҳама гуна шаклҳои табъиз аз рӯи аломатҳои ҷинсӣ, зӯроварии

шифоҳӣ, иддаои шаҳвонӣ ва шаклҳои дигари рафтори пастзанандаи шаъну шарафи занон ва мардон;

- дар асоси озмун офаридани филмҳои бадеию мустанад дар бораи истеъдоду қобилият ва майлу рағбати занон, интишори воситаҳои аёнӣ, ки ба тарбияи насли ҷавон, асосан мардон дар рӯҳияи эҳтиром ба занон нигаронида шудааст.

Дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ:

- омӯзиши заминаҳои ҳуқуқӣ оид ба таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила", ки зӯроварии оилавиро ҳамчун ҷиноят баррасӣ менамояд;

- баррасии имконияти созмон додани маркази ҳамоҳангсозӣ оид ба мубориза бар зидди интиқоли ғайриқонунии одамон (аз ҷумла занон ва кӯдакон).

- рушди кӯмак ба ҷабрдидагон аз зӯроварӣ, аз ҷумла таҳияи шабакаи хадамоти ёрирасон ба монанди: системаи паноҳгоҳҳо тибқи принсипи ноҳиявӣ, телефони боварии умумишаҳрӣ барои ҷабрдидагони зуроварӣ; шӯъбаи махсус оид ба тафтиши ҷиноятҳои зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои гендерӣ дар доираи ШКД;

- хадамоти умумишаҳрии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар назди ҳукумат;

- баланд бардоштани масъулияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми қабули аризаҳо аз ҷабрдидагон ва тафтиши дахлдори ҷиноятҳо дар самти зӯроварӣ бо аломатҳои гендерӣ;

- баррасии имконияти созмон додани марказҳои бӯҳронии ноҳиявӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ ва грантҳои давлатӣ ба лоиҳаҳои аз нигоҳи гендерӣ пурарзиш;

- таҳия ва татбиқи системаи кор бо ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ. Таълими ҳатмии онҳо тибқи барномаҳои офиятбахшии гунаҳгорони зӯроварии оилавӣ;

- баррасии масъалаи таъсиси марказҳои офиятбахшӣ дар нуқтаҳои убури марзи давлатӣ бо мақсади ҷойгиронии ҷабрдидагони қочоқ аз Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои ИДМ то маълум намудани ҳолатҳои будубоши онҳо дар хориҷа;

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати содда гардонидани раванди мурофиавӣ оид ба татбиқи чораҳо нисбат ба гунаҳгорони зӯроварии оилавӣ;

- дастгирии марказҳои бӯҳронӣ аз ҳисоби грантҳои давлатии барои лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим пешбинишуда.

## 8. ОМИЛҲОИ ТАҲКИМИ ОИЛА

Ҳадафи асосӣ:

таҳкими институти оила ва муносибатҳои хонаводагию никоҳ бо роҳи баланд бардоштани мақому мартабаи оила, таблиғу тарғиби арзишҳои никоҳ ва оила, расидан ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои хонаводагӣ, ки анъанаву идомати фарҳангию иҷтимоии наслҳоро таъмин мекунад ва омили рушди мӯътадил ва устувори ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

8.1.Ҷанбаҳои қавӣ:

- заминаи дахлдори ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои оила, занон ва кӯдакон таъсис дода шудааст; 15 июли соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон" ба тасвиб расид; тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи июли соли 2005 Гурӯҳи махсус оид ба баргардонидани қурбониёни одамфурӯшӣ, ки дар Халиҷи форс, аз ҷумла дар Аморати Муттаҳидаи Араб мебошанд, созмон дода шуд; тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2005 аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор Комиссияи байниидоравии оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон таъсис гардид;

- айни ҳол аз ҷониби арбобони дини ҷумҳурӣ издивоҷи мусулмонии "никоҳ" бе қайди расмӣ дар САҲШ манъ карда шудааст;

- дар ҷомеа дарк намудани муҳимии оила, нақши он дар тарбияи насли нав, таъмини суботи ҷамъиятӣ ва рушд;

- ба ҳаёт татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо";

- эътирофи зарурати баҳисобгирии манфиатҳои оила ва кӯдакон, инчунин қабули тадбирҳои мушаххас ҷиҳати дастгирии иҷтимоии онҳо;

- ҳамкории фаъоли ташкилотҳои ҷамъиятии занон ва мақомоти давлатӣ.

8.2.Ҷанбаҳои заиф:

- сатҳи пасти таҳсилоти духтарони 16-19 сола;

- бисёрзанӣ;

- рушди таъсири омилҳои динӣ;

- мавҷудияти оилаҳои номукаммал, ки аз як падар ё модар иборатанд ва фарзандон асосан бо модар мондаанд;

- таъсири падарон дар тарбияи фарзандон дар оила коҳиш ёфтааст; теъдоди талоқу хонавайрониҳо меафзояд, обрӯ ва мақому мартабаи оила заиф буда, зиндагии дохилиоилавӣ шиддат меёбад, низоъ ва ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон пурзӯр мегардад; ситонидани алимент вобаста ба муҳоҷирони меҳнатӣ мушкилӣ эҷод мекунад;

- муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ хуб амал намекунанд. Дар аксари кӯдакистонҳо гурӯҳҳои синну соли марбута, ки ба модарон имкон медиҳад фарзандони хурдсолро гузошта, корро идома диҳанд, вуҷуд надорад. Љизо, музди кори мураббиёну парасторон дар чунин муассисаҳо аксар аз маблаљҳое ташаккул меёбад, ки волидон ҳар моҳ мепардозанд ва ба ҳисоби миёна аз 50 то 150 сомониро ташкил медиҳад;

- усули ҳифзи шоҳидон ва даъвогарон таҳия нашудааст, таъмини амнияти љайрикофии ҷабрдидаҳое, ки дар мурофиаҳои марбут ба одамфурӯшӣ шоҳиданд ва одамфурӯширо як қисми таркибии ҷинояткории муташаккил медонанд; нармии ҷазо барои гум кардани ҳуҷҷат ва таҳияи қалбакии ҳуҷҷатҳо.

- худпарастии (эгоизми) умумӣ тақвият меёбад. Дар рафтору кирдори оиладорӣ ба ин воқеият рӯҳияи ворастагии куллии шаҳвонӣ мусоидат мекунад, ки тавассути тариқи филмҳо, китобҳо, фиттаҳо ва рӯзномаҳои дорои мундариҷаи шаҳвонӣ талқин мешаванд, ахлоқу одоби ҳамидаро "озодии шахс" иваз намудааст, яъне ҳеҷ кас дар назди каси дигар ҳеҷ масъулияте надорад, ки ин асоси оила ва ҷомеаро хароб месозад;

- сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии занони "якум" ва "дуюм" ва майли ба суд муроҷиат накардани онҳо вобаста ба мушкилоти фароҳам овардани далелҳо дар ҳолатҳои мазкур ва љ.;

- мавҷуд набудани усул ва мутахассисоне, ки қобилияти ташхиси ирсиятро оид ба ДНК дошта бошанд ва натиҷаи он исботи далели мӯътамади тавлиди тифл аз ин ё он шахси муайян хоҳад буд;

- институти шартномаи никоҳ, ки дар Кодекси оила омадааст, дар ҷумҳурӣ қариб ибтифода бурда намешавад;

- дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сабади истеъмолӣ", ки бидуни он муайян намудани ҳаҷми алимент барои нигоҳубини дахлдори кӯдак имконнопазир аст, қабул нашудааст;

- дар тақсими ӯҳдадориҳои хонаводагӣ, чуноне интизор меравад, нобаробарии бештари гендерӣ-мушоҳида мешавад, бо дарназардошти чунин омилҳо, ба монанди ба бозори меҳнат рӯ овардани занони шавҳардор, шуљли зан берун аз хона боиси ба вақти зиёде, ки шавҳар барои кору бори хонаводагӣ масраф менамояд, таъсири ночиз мерасонад;

- заминаи қонунгузории мавҷуда ба ҳаллу фасли мушкилоти серзанӣ мусоидат намекунад. Ҷаримабандӣ ва муқаррар кардани ҷазои маҳрумият аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол боиси коҳиши бисёрзанӣ намегардад.

8.3.Имкониятҳо:

- такмили минбаъдаи кафолатҳои иҷтимоии дасттирии оила;

- рушди шабакаи муассисаҳои беруназмактабӣ, лагерҳои тандурустии тобистона барои мактаббачагон, барои ҳамаи оилаҳо дастрасаст;

- таҳрири моддаҳои алоҳидаи кодексҳои оила ва ҷиноятӣ роҷеъ ба муқаррар кардани синну соли никоҳӣ ва меъёри ҷазо барои серзанӣ, мушаххас кардани ҳолатҳои истисноие, ки ба судҳо барои қабули қарор дар бораи коҳиш додани синну соли ниқоҳӣ имкон медиҳанд. Ҳангоми ҳаллу фасли коҳиш додани синну соли издивоҷ бояд ҳар ду тараф вазифадор гарданд, ки аз муоинаву ташхиси тиббӣ гузаранд.

8.4. Хатарҳо:

- афзудани теъдоди нафароне, ки ягон маротиба издивоҷ накардаанд;

- бад шудани вазъи оилаҳои серфарзанд, модарони танҳо ва оилаҳои ҷавон;

- аз ҷониби ҷомеа таназзул ёфтани дарки нақши созандаи оила дар рушди иқтидори ояндаи инсонӣ;

- бад шудани вазъи демографӣ.

8.5. Амал:

- мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро зарур аст, ки кори таблиљу тарљиб ва шарҳу эзоҳи аз қайди никоҳи давлатӣ гузаштан, инчунин дар амал татбиқ намудани "Шартномаи никоҳ"-ро ҳамчун василаи самарабахши ҳифзи манфиати ҳар ду тараф ҷоннок созанд;

- таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирии модарони танҳо, ки атфоли хурдсол доранд;

- беҳбуд бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои томактаби ва мактабӣ. Дар аксари кӯдакистонҳо гурӯҳҳои синну соли тояслигӣ вуҷуд надоранд ва модарон наметавонанд атфоли хурдсоли худро гузошта, бо кор машљул шаванд;

- созмон додани воҳидҳои дахлдор дар сохтори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила; аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ якҷоя бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия кардани шакл ва номгӯи индикаторҳо оид ба зӯроварӣ аз нигоҳи ҷинс ва синну сол мутобиқ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ;

- истифода ва таблиљу ташвиқи омори гендерӣ дар маъракаҳои маърифатӣ, ки ба таљйир додани афкори ҷомеа нисбат ба вазъи занон дар Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, ташаккули эҳсоси масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба қонунҳо, дарки мувозина байни ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо (ВАО) нигаронида шудааст; эҳёи арзишҳои ахлоқӣ ва ривоҷ додани таблиљи нақши мусбии оила ва никоҳ;

- истифода бурдани маъракаҳои иттилоотӣ барои таблиљу ташвиқи шартномаи издивоҷ ҳангоми гузаштан аз қайди акди никоҳи расмӣ, тавзеҳу тафсири оқибатҳои манфии бисёрзанӣ;

- хадамоти шиносномадиҳӣ бояд аз нав ба амалияи дар шиносномаҳо сабт кардани маълумот оид ба ҳолати никоҳ ва теъдоди фарзандон баргарданд;

- такмили қонунгузорӣ оид ба таҳкими муносибатҳои никоҳию оилавӣ ва баланд бардоштани мақоми оила. Фароҳам озардани заминаи "меъёрӣ оид ба танзими масъалаҳои дастгирии иҷтимоии оилаҳои кӯдакдор, аз ҷумла хонаводаҳои серфарзанд; эҳёи анъанаҳои беҳтарини оилавӣ, миллию фарҳангӣ, ки барои мустаҳкам намудани асосҳои маънавию ахлоқии никоҳ ва оила хизмат хоҳанд кард; таъмини шароитҳои зарурӣ барои татбиқи

функсияи иқтисодӣ, бозтавлидӣ ва фарҳангию равонии оила; беҳдошти сифати зиндагонии хонаводаҳо;

- рушди институтҳои амалкунанда ва махсусгардонидашудаи таъминоти иҷтимоии оила ва кӯдак, хадамоти махсуси ёрии равонию педагогии хонаводаҳо оид ба раҳоӣ аз вазъи бӯҳронӣ ва мутобиқшавии иҷтимоию равонӣ бо шароитҳои нав;

- ташкили барномаю намоишҳо дар радио, телевизион ва дигар воситаҳои ахбори омма перомуни мавзӯи муносибатҳои оиладорию никоҳ бо ҷалби мутахассисони соҳаҳои мухталиф;

- ба барномаҳои таълимии мактабҳо ва муассисаҳои олӣ ворид кардани фанни "Баробарии гендерӣ дар оила", бо мақсади тағйир додани ақида дар бораи он ки вазифаи тарбия сирф кори занон мебошад, рушди обрӯи падар ва фароҳам овардани шароитҳое, ки модарӣ барои пешравии занон дар касбу мансаб ва худтатбиқнамоӣ монеа набошад.

## 9. ИНДИКАТОРҲО ВА МЕХАНИЗМҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

9.1. Дар соҳаи фаъолгардонии нақши занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат:

- теъдоди занон дар вазифаҳои роҳбарӣ дар сатҳи қабули қарорҳо;

- ҳиссаи занон дар ҳайати Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳиссаи занон дар ҳизбҳои сиёсӣ;

- мавҷудияти механизмҳои пешбарии занон дар муассисаҳои давлатӣ;

- намояндагии мардон ва занон дар судҳо (конститутсионӣ, олӣ ва иқтисодӣ).

9.2. Дар соҳаи баланд бардоштани шуғли занон дар бозори меҳнат:

- ҳиссаи мардон ва занон дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

- таносуби музди меҳнати мардон ва занон вобаста ба шаҳр - деҳа;

- теъдоди ҷойҳои нави кории таъсисдодашуда дар шаҳрҳо ва деҳот, аз ҷумла, барои мардон ва занон;

- сатҳи бекорӣ байни мардон ва занон вобаста ба синну сол, шаҳр -деҳа;

- теъдоди ашхосе, ки дар сатҳи пасти камбизоатӣ қарор доранд, ҳамагӣ, аз ҷумла мардон ва занон;

- ҳиссаи занон дар ҷойҳои кории музддоре, ки ба соҳаи кишоварзӣ иртибот надоранд;

- теъдоди гирандагони пардохтҳои иҷтимоӣ (нафақа, кӯмакпулиҳо, ҳаҷми миёнаи онҳо), ҳамагӣ, аз ҷумла, мардон ва занон;

- теъдоди хонаводаҳо бо сарварии як сарпараст аз рӯи ҷинсият.

9.3.Дар соҳаи дастгирии рушди соҳибкории занон:

- ҳиссаи занони дорои замин дар теъдоди умумии аҳолӣ;

- теъдоди нафароне, ки барои фаъолияти фоидаовар қарз гирифтаанд, ҳамагӣ, аз ҷумла мардон-занон, шаҳр - деҳа;

- теъдоди корхонаҳои ба қайд гирифташудае, ки соҳибмулкашон занон мебошанд;

- теъдоди аҳолие, ки ба мақомоти таъминкунандаи ҷойҳои корӣ муроҷиат намудаанд, ҳамагӣ, аз ҷумла занон;

- теъдоди заноне, ки шуғли мустақил доранд;

- теъдоди нафарони машғули истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳамагӣ, аз ҷумла, мардон, занон;

- ҳиссаи аҳолие, ки аз арзиши сабади истеъмолӣ даромади пасттар доранд, ҳамагӣ, аз ҷумла мардон- занон, шаҳр - деҳа;

9.4. Дар соҳаи баланд бардоштани сатҳи маърифати занон:

- моҳиятан коҳиш додани фарқият байни аҳолии шаҳр ва деҳот аз рӯи нишондиҳандаҳои сатҳи саводнокии занон;

- афзудани шуғли занон ба фаъолияти фоидаовар дар бозори меҳнат;

- баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти насли наврас.

9.5. Дар соҳаи беҳдошти саломатии занон:

- коҳиш додани фавти атфоли навзод, кӯдакон ва модарон;

- коҳиш додани фоизи мубталои занон ба бемориҳои сироятӣ ва онкологӣ;

- истифодаи индикаторҳои аз ҷиҳати гендерӣ ҳассос дар раванди асосноксозии дурнамо ва баҳогузории натиҷаҳои тадбирҳои барномавӣ дар соҳаи тандурустӣ;

- баланд бардоштани мутаносибӣ ва пуррагии ҳисобот ва омори тиббӣ;

- таъмини қиёспазирии усули нишондиҳандаҳои миллии ҳифзи тандурустӣ бо ченакҳои глобалӣ;

- зиёд кардани фоизи занони синну соли қобили таваллуд, ки аз контратсептивҳои бехатар истифода мекунанд;

- коҳиши воқеии теъдоди исқоти ҳамл;

- паст кардани хатари паҳншавии сироятҳое, ки тавассути алоқаи ҷинсӣ мегузаранд.

9.6. Ташаккули дарки зарурати таъмини баробарии ҳуқуқу имкониятҳо дар тафаккури ҷамъиятӣ:

- беҳбуди заминаи қонунгузорӣ, бунёди омилҳои институтсионалӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва гендерии занон;

- теъдоди интишорот-, барномаҳо ва намоишҳое, ки ба масъалаҳои гендерӣ нигаронида шудаанд;

- теъдоди рӯзноманигороне, ки ба инъикоси мушкилоту масъалаҳои баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳо машғуланд;

- миқдори намунаи ҳамкориҳои ВАО ва ТҶ;

9.7. Дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон:

- мавҷудияти қонунҳои дахлдор ва механизмҳои дахлдори татбиқи онҳо;

- миқдори ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон аз нигоҳи афзоиш ва шаклҳои зӯроварӣ;

- теъдоди кормандони воҳидҳои ВКД оид ба ҳифзи занон аз зӯроварӣ;

- шумораи марказҳои бӯҳронӣ, аз ҷумла дорои паноҳгоҳ (теъдоди мардон ва занони муроҷиаткарда ҳамагӣ, аз ҷумла аз рӯи навъҳои зӯроварӣ);

- миқдори барномаву намоишҳои радио ва телевизион, роликҳои иттилоотӣ, интишороти марбут ба зӯроварии гендерӣ;

- далелҳои аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳкама кашидан барои дузанагӣ ё бисёрзанӣ;

- шумораи институтҳои махсусгардонидашудаи таъминоти иҷтимоии оила ва кӯдакон, марказҳои кӯмакҳои равонию педагогӣ ба оилаҳо барои раҳоӣ аз вазъи бӯҳронӣ ва мутобиқшавии иҷтимоию равонӣ ба шароитҳои ҷадид.

9.8.Дар соҳаи таҳкими оила ва баланд бардоштани нақши тарбия дар оила:

- миқдори муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои тиббӣ;

- шумораи никоҳ ва оилавайрониҳои сабтгардида;

- теъдод ва ҳайати оилаҳои номукаммал;

- теъдоди гирандагони кӯмакпулиҳои кӯдакон ва ҳаҷми онҳо;

- мавҷудияти барномаҳои махсуси радио ва телевизион, инчунин сарунвонҳо дар нашрияҳои муосир.

9.9. Татбиқи Стратегия ба механизмҳои зерин таъмин карда мешавад:

- ҳуқуқӣ - таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати амалисозии сиёсати баланд бардоштани мақоми зан дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғ. Амалӣ намудани ташхиси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари таъсири онҳо ба зисту зиндагии оила; доир намудани чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ;

- ташкилӣ - баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дастгирии ташкилотҳои тиҷоратӣиттиҳодияҳои ҷамъиятии хидматгузори иҷтимоии оилаҳо, аз ҷумла бо истифода аз василаи фармоишҳои давлатӣ, инчунин бо дарназардошти ҷорӣ намудани нақшаи василаҳои меъёрии мақсадноки тарҳрезии хароҷоти буҷет;

- молиявӣ - дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ, инчунин аз ҳисоби ҷалб намудани маблағҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ҷудо намудани захираҳои молиявӣ доир ба амалисозии Стратегия ва ба роҳ мондани назорати амалӣ аз рӯи истифодаи мақсадноки онҳо;

- моддию техникӣ - рушди инфрасохтори муассисаҳое, ки сиёсати гендериро татбиқ мекунанд, таҳкими заминаи моддию техникии онҳо, созмон додани муассисаҳои нави татбиқнамои тамоюлҳои мухталифи сиёсати гендерӣ;

- иҷтимоию иқтисодӣ - фароҳам овардани заминаи моддӣ ва ташаккули шароити зарурӣ барои ҳаллу фасли вазифаҳои афзалиятнок оид ба беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодии занон; ҷалби тиҷорат ба ҳаллу фасли вазифаҳои сиёсати генадерӣ;

- иттилоотию таблиғотӣ- воқиф намудани аҳли ҷомеа аз ҷараёни татбиқи Стратегия, ташаккули афкори ҷамъиятӣ доир ба ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои баробари мардон ва занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа;

- кадрӣ - таъсиси системаи омодасозӣ, бозомӯзии мутахассисон дар заминаи муассисаҳои олии таълимӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- илмӣ - ҷалби иқтидори илмии ҷумҳурӣ барои татбиқи муқаррароти асосии Стратегия, ташкили назорати вазъи занон дар Тоҷикистон, созмон додани Маркази иттилоотию таҳлилӣ оид ба масъалаҳои омор ва сиёсати гендерӣ.